«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода Қ.Х.
_______________________
«____»____________ 2021

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи **«Лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01– Адабиёти тоҷик дар кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Миралиева Сарварбӣ Толибовна** соли 1993 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст. Ӯ аз соли 1995 то соли 1998 дар шуъбаи «Ахбор»-и Телевизиони Тоҷикистон ба ҳайси муҳаррир ва ёвари коргардон, аз соли 1998 то соли 2008 дар Иттиҳодияи истеҳсолии нассоҷии тоҷик ба сифати назоратчӣ, аз соли 2008 то соли 2009 дар Маркази ҷумҳуриявии иловагии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси мудири шуъбаи техникӣ, аз соли 2013 то соли 2017 дар шуъбаи алоқаи №36-и КВД «Почтаи тоҷик», аз соли 2017 то ба ин ҷониб ба сифати муаллими калони кафедраи забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон кору фаъолият намуда, ҳамзамон, аз 01.03.2019 ҳамчун унвонҷӯйи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ машғул аст.

Роҳбари илмии С. Миралиева доктори илмҳои филология, узви пайвастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, академик **Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ** мебошад.

Мавзӯи диссертатсия дар Шӯрои олимони факултети филологияи ДМТ рӯзи 26.04.2019 бо қарори №9 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба Миралиева Сарварбӣ Толибовна шаҳодатномаи супоридани имтиҳонҳои номзадиро 2-юми октябри соли 2021, №127 додааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Адабиёти нимаи дуюми садаи XX ва замони истиқлол аз давраҳо ва марҳалаҳои муҳимми таърихи адабиёти давраи нави тоҷик буда, дар доираҳои адабию фарҳангӣ, шаклу анвои адабӣ, ҳаёти иҷтимоӣ ва низоми давлатдорӣ дигаргуниҳои чашмрас ба амал омадаанд. Дар ин марҳала адабиёти бадеӣ низ хусусияти миллӣ касб карда, ба зиёиёну равшанфикрон, шоирону нависандагон ва тамоми эҷодкорону адибон рӯҳи тавоно бахшида, таваҷҷуҳ ба ҳувияти миллӣ, худшиносии миллӣ ва худогоҳию меҳанпарастӣ дар эҷодиёти онҳо зуҳур намуд. Дар таҳқиқоти анҷомёфта собит шудааст, ки дар назми ин давра ҷунбиши хоссаи фикрӣ ба амал омадаанд. Бо назардошти ин нуктаҳо таҳқиқи густардаи чунин дигаргуниҳоро аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми илми адабиётшиносии имрӯза маънидод намудан мумкин аст. Дар диссертатсияи унвонҷӯй Миралиева Сарварбӣ таҳқиқи мавзӯъҳои муҳаббату маҳбубияти Ватан, даъват ба Ваҳдату иттиҳод, ҳувияти миллӣ, худшиносию худогоҳии миллӣ, некию ростӣ, илму ҳунар, аз байн бурдани маҳалгароию бегонапарастӣ ва ифротгароӣ, арҷ гузоштан ба суннатҳои қадимаи тоҷикон, васфи арзишҳои миллӣ, ситоиши қаҳрамонҳои асотирию таърихии тоҷикон, пос доштани забони ноби тоҷикӣ дар ашъори Шоири халқии Тоҷикистон – Рустам Ваҳҳобзода аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами таҳқиқӣ арзёбӣ шудаанд. Дар ҳақиқат, Рустам Ваҳҳобзода аз оғози фаъолияти эҷодӣ то ба ин замон бо тарзу равиши хос ва назару нуктасанҷиҳои ҷолиб осори пурғановатеро манзури хонандагон намуда, мутаассифона, мавзӯъ, мухтаво, хусусиятҳои сабкӣ, ғоявӣ ва ҳунарию бадеии ашъори ӯ ба таҳқиқи вижа ва ҷудогона фаро гирифта нашудаанд. Ба андешаи унвонҷӯй «баррасии ин ҷиҳати лирикаи иҷтимоии шоир аз

ҷумлаи вазифаҳои таъхирнопазири адабиётшиносии муосири тоҷик ба ҳисоб меояд». Воқеан, ин ва дигар масъалаҳои дар диссертатсияи Миравлиева Сарварбӣ таҳқиқ ва баррасишуда аз ҷумлаи **мавзӯъ ва масъалаҳои муҳимми илми адабиётшиносии тоҷик** буда, дар ин замина лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода аз назари ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ дар диссертатсия баррасӣ гардида, ҳамзамон, ҷойгоҳи шоир дар назми давраи нави тоҷик таъйин шудааст.

Ба шакли муфассал ба таҳлилу баррасӣ гирифтани хусусиятҳои мавзӯӣ ва ғоявию бадеии лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода, бахусус, возеҳ намудани ҷойгоҳи шоир дар адабиёти давраи нави тоҷик ва таъйини мақоми ӯ дар ташаккулу таҳаввули шеъри тоҷикии давраи нав **мақсади аслии таҳқиқи диссертатсионӣ** ва вазифаи аввалиндараҷаи муаллифи он маҳсуб меёбад. Барои расидан ба ин ҳадафҳо унвонҷӯй дар назди худ **чунин вазифаҳо** гузоштааст:

– баррасии ҷараёни зиндагӣ ва фаъолиятҳои адабии Рустам Ваҳҳобзода;

– муайян намудани оғози фаъолияти эҷодии шоир, вуруд ба ҳавзаи адабии муосири тоҷик;

– баррасии ваҷҳаи шоирии Рустам Ваҳҳобзода, мавқеи ашъори суннатӣ дар эҷодиёти шоир: манзумаҳо, шеъри нав, ғазал, қитъа, рубоӣ, дубайтӣ, фардбайт;

– таҳқиқ ва таъйини мавқеи Рустам Ваҳҳобзода дар лирикаи иҷтимоии муосир;

– баррасии андешаҳои адабию эстетикӣ дар лирикаи иҷтимоии шоир;

– таҳқиқи масъалаҳои асосии лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода: ватан ва ватандорӣ, ҳофизаи таърихӣ, ҳувият ва худшиносӣ, андешапарварии фалсафӣ, ирфонӣ ва ишқӣ, васфи арзишҳо ва муқаддасоти миллӣ;

– таҳқиқи лирикаи медитативӣ-тасвирӣ: васф ва тасвири табиат, васфи инсони худогоҳ;

– таҳқиқи махсусиятҳои ғоявӣ ва ҳунари шоирии Рустам Ваҳҳобзода дар лирикаи иҷтимоӣ.

**Сарчашмаҳои асосии таҳқиқро** маҷмӯаҳои ашъори Рустам Ваҳҳобзода – «Калимаҳо» (1990), «Шаҳри Хуршед» (2008), «Салом» (2015), «Сарводаи Ватан» (2019) ва «Ҳазор байт» (2020) ташкил додаанд. Ғайр аз ин, дар ҷараёни баррасии масъалаҳои таҳқиқшаванда аз асарҳои илмии ададбиётшиносони ватанию хориҷӣ, китобҳои таърихи адабиёт, китобҳо оид ба санъати сухан, аз ҷумла китоби «Шеър ва дониш»-и Рустам Ваҳҳобзода, мақолаҳои мубоҳисавию назариявӣ оид ба шинохти шеър мавриди корбурд қарор гирифтаанд.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии** ин диссертатсияро асарҳои илмию назариявии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз қабили Х.Мирзозода, М. Шакурӣ, С. Табаров, Р. Мусулмониён, Х. Шарифзода, А. Сатторзода, А. Абдуманнонов, А. Абдусаттор, Р. Ваҳҳобзода, М. Нарзиқул, Е.Э. Бертельс, В.Г. Белинский, В.Е. Холшевников, Н. Поспелов, М.Б. Храбченко, С. Шамисо, П.Н. Хонларӣ ва дигарон ташкил додааст. Диссертант дар раванди таҳқиқ аз методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, китобхонаӣ, хронологӣ, оморӣ ва таҳлилӣ, ки ҳангоми омӯзиш ва баррасии осори адабӣ мавриди корбурд қарор мегиранд, истифода карда, ба дастовардҳои муҳаққиқони зикршуда такя намудааст.

**Навоварии диссертатсияи** Миралиева С.Т. дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст фаъолияти эҷодӣ ва махсусан, лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода мавриди омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқ қарор гирифта, дар он масъалаҳои алоқаманд ба лирикаи иҷтимоии шоир, аз ҷумла ваҷҳаи шоирӣ аз мавқеи адабӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд. Чунин усули таҳқиқ ва мавзӯи нави илмӣ будани он ба унвонҷӯй имкон додааст, ки шеъри Рустам Ваҳҳобзодаро аз дидгоҳи идомабахшандаи гузаштагон будани ӯ ва ҳамзамон, андешаю диди наву тозаи шоирро ошкор созад.

Диссертатсияи номзадии Миралиева Сарварбӣ аз чанд ҷиҳат аҳаммияти вижа дошта, **арзиши назариаш** дар он зоҳир меёбад, ки таҳқиқи масъалаҳои матраҳшаванда ва равиши таҳқиқии муаллиф дар

омӯхтани масъалаҳои ҳамгуни таърихи адабиёти давраи навини тоҷик, такомули назми ду даҳаи охири асри XX ва ду даҳаи аввали асри XXI, баррасии шеъри даврони истиқлоли тоҷик, инъикоси ғояҳои баланди миллӣ дар лирикаи иҷтимоӣ барои адабиётшиносон, донишҷӯён ва дигар алоқамандони шеъри тоҷик ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонанд.

**Арзиши амалии** кори диссертатсионӣ дар он зоҳир меёбад, ки аз маводи диссертатсия, натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои илмии он дар аснои навиштани мақола, таълифи диссертатсияҳои илмӣ, таҳқиқи паҳлуҳои ҷудогонаи шеъри муосири тоҷик, таълифи китобҳои дарсӣ, асарҳои илмӣ перомуни таърихи адабиёти муосири тоҷик дар давраи истиқлол, дастурҳои таълимӣ барои донишҷӯёну магистрҳо, аспирантон ва унвонҷӯёни факултаҳои филологии донишгоҳу донишкадаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти махсуси омӯзгорӣ метавон самаранок истифода намуд.

Мундариҷа ва муҳтавои асосии диссертатсия дар 7 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст, ки рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

[1-М]. Миралиева, С.Т. Баъзе мулоҳизаҳо оид ба ашъори ватандӯстонаи Рустм Ваҳҳобзода / С.Т. Миралиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – № 1. – С. 199 – 206.

[2-М]. Миралиева, С.Т. Баъзе мулоҳизаҳо оид ба шеъри нав ва шеъри сафед дар адабиёти муосири тоҷик / С.Т. Миралиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – № 2. – С. 205-209.

[3-М]. Миралиева, С.Т. Шеъри нав ва сафед дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода // С.Т. Миралиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – № 3. – С. 229-236.

[4-М]. Миралиева, С.Т. Фардбайт дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода // С.Т. Миралиева // Гузоришҳои Академияи Илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – № 1 (009). – С. 233-238.

[5-М]. Миралиева, С.Т. Ҳувият ва худшиносӣ дар эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода // С.Т. Миралиева // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2021. – № 4 (0162021). – С. 203-208.

Кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи **Миралиева Сарварбӣ Толибовнаро** дар мавзӯи **«Лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурие меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсия барои ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пешниҳод мегардад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок дошт: 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 12 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори №6 аз 14.12.2021.

**Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,**
**мудири кафедраи назария ва адабиёти**
**навини форсии тоҷикӣ** **Зайниддинзода М.**

**Котиби илмӣ, н.и.ф.** **Бобомаллаев И.Ҷ.**

**Тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**
«23» декабри соли 2021.